**Дастурамал**
**оиди пур намудани ҳисоботи омории шакли №7 – кишоварзӣ**
**«Ҳисобот дар бораи рафти ҷамъоварии ҳосил, кишти**
**зироатҳои тирамоҳӣ ва шудгори тирамоҳӣ»**

Ҳисоботи омории шакли №7 – кишоварзиро ҳамаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ сарфи назар аз шакли моликияташон ба мақомоти маҳаллии омори ноҳия (шаҳр) аз рӯи маҳалли ҷойгирифтаашон аз 1- уми май то 1- декабр пешниҳод менамоянд.

Ҳисобот дар ҷамъбасти моҳи ҳисоботӣ ва бо ҷамъи афзоянда пур карда мешавад. Дар сатри 01 ҳамагӣ майдони зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳории ғалладона ва лӯбиёӣ (ғайр аз ҷуворимакка) дарав карда шуда нишон дода мешавад.

Ба замини зироатҳои ғалладона ва лӯбиёӣ дохил мешаванд; замини гандум, ҷавдор (рож), ҷав, ҷавсар (овёс), арзан, шоли, нахуд, лӯбиё, наск, мош, нут ва ғайраҳо.

Дар сатри 02 майдони зироатҳои тирамоҳӣ ва баҳории ғалладона ва лӯбиёӣ (ғайр аз ҷуворимакка), ки кӯфта шудааст бо гектар , «Ҳосили ғалла гирифта шуд (ғайр аз ҷуворимакка)» - миқдори ғаллае, ки дар вазни аввала даромад карда шудааст, бо тонна нишон дода мешавад.Дар ин сарт ғаллаи фурухта шуда ва дар захира қарор дошта нишондода мешавад.

Дар сатрҳои 01- 02 дохил карда намешаванд:

- ҷуворимакка барои дон;
- ғалладона ва лӯбиёӣ барои хӯроки сабз, беда, силос, ғелак ва брикет;
- киштҳои такрорӣ (дермонда);
- зироатҳои худрӯе, ки барои дон даравида шудааст;
- кишти нахӯд, лӯбиё ва зироатхои ғилофакдорҳое, ки дар шакли сабз чинда мешавад.
- дар ҳисоботи омории шакли №7 – кишоварзӣ замини киште, ки дар он чорво чаронида шудааст дохил карда намешавад;
- дар сатри № 03 – майдони гандуми дарав кардашуда ба ҳисоби гектар нишон дода мешавад
- дар сатри №04 – гандуми кӯфташуда ба ҳисоби гектар, ҳосили ҷамъовари шуда, фурухта шуда, дар захира қарор дошта бо тонна дар моҳи ҳисоботи ва аз аввали сол гандуми истеҳсолшуда ба ҳисоби тонна нишон дода мешавад;
- Дар сатри № 05 –шолӣ даравидашуда ба ҳисоби гектар нишон дода мешавад.
- Дар сатри № 06 шолии кӯфташуда ба ҳисоби гектар, шолии истеҳсолшуда, фурухташуда, дар захира қарор дошта бо ҳисоби тонна нишон дода мешавад;

Дар сатри № 07 – «Ҳамагӣ ҷуворимакка ғундошта шуд – замини умумии ҷамъоварии ҷуворимкка барои дон, ки донаш пурра пухта расидааст, барои силос ва хӯроки сабз (то давраи ширадорӣ ва баъди ширадорӣ) ба ҳисоби гектар ва «Сараки ҷуворимаккаи пурра пухта расида ғундошта шуд» - аз замине, ки аз он ба воситаи комбайн ё дасти сараки ҷуворимаккаи пурра пухта расида, ки бо

комбайн ё дасти чида шудааст , фурухташуда, дар захира қарор дошта бо ҳисоби тонна ҳисоб карда мешавад ;

Барои муайян кардани ҳосили сараки ҷуворимакка онро ба ҳисоби дон гардонидан лозим.

Ҷуворимакка аз рӯи таъноти хоҷагӣ ҳисоб карда мешавад:

а) ҷуворимакка барои дон пурра расидагӣ ба ҷумлаи ғалладонагиҳо;

б) ҷуворимакка то давраи ширадорӣ, ширадорӣ барои силос, хӯроки сабз (сӯтаю пояаш) ба ҷумлаи хӯроки чорво.

Ҷамъоварии ҳосили ҷуворимакка барои дон дар ҳолати пурра пухта расидагӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Гузаронидаи ҳисоби сӯтаи ҷуворимаккаи пурра расида ба дони хушкшуда аз рӯи баромади ҳақиқии дони ҷуворимакка пас аз кӯфтани сӯтаҳои як шабонарӯза 22 фоиз намнокии дон дар сута муайян карда мешавад.

Фоизи миёнаи баромади дон аз сӯта бо роҳи тақсим намудан:

вазни ҳисоби (зачетный) дон х100 =вазни физики сӯта

Аз ин ҷо вазни ҳисоби ғалла баробар аст ба вазни ғалла ҷамъ ё тарҳи ҳаҷми зиёдшавӣ ё камшавӣ аз рӯӣ намнокӣ ва ғажнокӣ.

Дар сатри №08 «Картошка кофта шуд» дар ин сатр замини кофташуда бо гектар ва истеҳсоли картошкаи фурӯхташуда, дар захира қарор дошта бо ҳисоби тонна нишон дода мешавад;

Дар сатри №09- ҳамагӣ «Сабзавот ғун карда шуд (ба ғайр аз сабзавоти тухмӣ)» - замини умумии сабзавоти ғун кардашуда: карам, помидор, бодиринг, лаблабӯи ошӣ, сабзӣ, пиёз, сирпиёз, турб, шалғам, редиска, барги пиёз, гашнич, укроб, лӯбиёигиҳои нопухта, боимҷон, каду ва дигарҳо бо гектар ва истеҳсоли ҳаманамуди сабзавот, фурухта шуда, дар захира қарор дошта бо ҳисоби тонна нишон дода мешаванд.

Замини сабзавоте, ки ҷамъовариашон давомнок аст (бодиринг, помидор ва ғайра) дар ин сатр баъди тамом шудани ҷамъоварии ҳосил нишон дода мешаванд. Замини сабзавотҳои тухмӣ дар ин сатр нишон дода намешавад.

Дар сатри №09 «Сабзавот истеҳсол карда шуд» - истеҳсоли сабзавоте, ки аз замини кушод ҷамъоварӣ шудааст (бе тухмӣ) ва маҳсулоте, ки то мавсими ҷамъоварӣ қисман ҷамъоварӣ шудааст нишон дода мешавад.

Дар сатри №10 аз он ҷумла: замини ҷамъоварӣ кардашудаи карам бо гектар ва истеҳсоли карам, фурухта шуда, дар захира қарор дошта бо ҳисоби тонна нишон дода мешавад;

Дар сатри №11 замини кишти бодиринг бо гектар ва истеҳсоли бодиринг, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

Дар сатри №12 замини кишти помидор бо гектар ва истеҳсоли помидор, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

Дар сатри №13 замини ҷамъоварӣ кардашудаи сабзӣ бо гектар ва истеҳсоли бодиринг, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

Дар сатри №14 замини ҷамъоварӣ кардашудаи лаблабӯи ошӣ бо гектар ва истеҳсоли лаблабӯи ошӣ, фурухта шуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

Дар сатри №15 замини ҷамъоварӣ кардашудаи бехпиёз бо гектар ва истеҳсоли бехпиёз, фурухта шуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

Дар сатри №16 замини ҷамъоварӣ кардашудаи сирпиёз бо гектар ва истеҳсоли сирпиёз, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

Дар сатри № 17 замини ҷамъоварӣ кардашудаи турб бо гектар ва истеҳсоли турб, фурухта шуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

Дар сатри №18 замини ҷамъоварӣ кардашудаи каду бо гектар ва истеҳсоли каду, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

Дар сатри №19 замини ҷамъоварӣ кардашудаи қаламфури булғорӣ бо гектар ва истеҳсоли қаламфури булғорӣ, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

Дар сатри №20 замини ҷамъоварӣ кардашудаи дигар намуди сабзавотҳо бо гектар ва истеҳсоли дигар намуди сабзавотҳо, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатри №21** замини ҷамъоварӣ кардашудаи сабзавоти тухмӣ бо гектар ва истеҳсоли сабзавоти тухми, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатри №22** «Зироатҳои полизии озуқаворӣ ғун карда шуд» ( ба ғайр аз полизиҳои тухмӣ) замини ҷамъоварӣ кардашуда ҳамагӣ бо гектар ва истеҳсоли полези, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатри №23** аз он ҷумла: замини ҷамъоварӣ кардашудаи тарбуз бо гектар ва истеҳсоли тарбуз, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатри №24** замини ҷамъоварии харбуза бо гектар ва истеҳсоли харбуз, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатри №25** ҷамъоварии зироати техникӣ ҳамагӣ бо гектар ва истеҳсоли зироати техникӣ, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатри №26** аз он ҷумла замини кишти пахта бо гектар ва истеҳсоли пахта, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатри №27** аз он ҷумла: замини кишти пахтаи навъи маҳиннах бо гектар ва истеҳсоли пахтаи маҳиннах, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатрҳои № 28 замин ва ҳосили тамоку** бо гектар ва истеҳсоли тамоку, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатри №29 ҷамъовари зағир** бо гектар ва истеҳсоли зағир, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатри №30 дони офтобпараст -**майдони кишт бо гектар ва ҷамъоварии ҳосили дони офтобпараст бо тонна, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

**Дар сатри №31** ҷамъоварии дигарнамуди зироатҳои техникӣ бо гектар ва истеҳсоли дигар намуди зироатҳои техникӣ, фурухташуда, дар захира қарор дошта дар давраи ҳисобот бо ҳисоби тонна, нишон дода мешавад;

Дар сатрҳои №32 то 59 «Мевагиҳои истеҳсолкардашуда - ҳамагӣ» - аз он ҷумла; мевагиҳои тухмдор (аз ҷумла: себ, нок ва биҳӣ), донакдор (аз ҷумла: зардолу, олӯ, олуболӯ, гелос ва шафтолу), мевагиҳои мағздор (аз ҷумла: чормағз, бодом, писта), суптропикӣ (аз ҷумла: анҷир, анор, хурмо), буттамевагиҳо (аз ҷумла: қулфинай, хуч, марминҷон), дигар намуди мевагиҳо ва меваи тут нишон дода мешавад.

Дар сатри №62 истеҳсоли ангур нишон дода мешавад;

Дар рости ҳар як сатри нишондиҳандаҳои мевагиҳо ва ангур 10 сутуни нишондиҳандаҳо оварда шудааст, ки дар сутуни 1- ум шумораи дарахтони мевадиҳанда бо адад нишон дода мешавад.

Масофаи байни қатори боғҳо гуногун буда, вобаста ба хоси минтақаҳо ва схемаҳои қабулшуда шинонида мешаванд.

Барои мисол дар сурате, ки агар масофаи байни ниҳолҳо 4 бар 3- ро ташкил диҳад пас **4*3=12** аз ин маълум мешавад, ки дар масоҳати 12 метри квадрати 1 ниҳол шинонда шудааст, барои дар 1 гектар ҳисоб намудани шумораи ниҳолҳо масоҳати умумии 1 гектар, ки **10 ҳазор квадратро** ташкил медиҳад ба адаи 12 тақсим намуда, шумораи ниҳолҳои шинонидашударо муайян менамоем.

**10000 / 12=833** – маълум гардид, ки дар сурати масофаи байни қаторҳо 4 бар 3 будан дар **1 гектар майдони боғу токзорҳо 833 ниҳол** шинонида шудааст.

Бо ҳамин усул аз руи масофаи байни ниҳоли дар қаторҳо шинонидашуда шумораи умумии ниҳолҳои дар як гектар шинонидашуда муайян карда мешавад.

Агар дар хоҷагӣ дар як қитъа дарахтҳои гуногун бошад, (мисол, тухмдор ва донакдор) пас бо роҳи гузаронидани шумораи ин намуд дарахтон ба истифодабарии нормаи дарахтшинони дар 1 га муайян карда мешавад.

Масалан: Дар хоҷагӣ боғи омехта тухмдору донакдор дар замини 2 га мавҷуд аст. Дар асл дар боғ 1500 дарахти тухмдор ва 1000 дарахти донакдор. Барои ҳамин хоҷагӣ аз рӯи схемаи ниҳолшинони дар як га тухмдор 1250 ва донакдор 1250 ниҳол қабул карда шудааст.

Тақсим намудани 2 га замин ин тавр гузаронида мешавад: замини боғ аз рӯи нормаи миёнаи ниҳолшинони дар як га муайян карда мешавад.

**2500 / 1250 = 2,0 га**

**1500 / 1250 = 1,20 га ва 1000 / 1250 =0,80 га**

Аз руи натиҷаи бадастомада маълум гардид, ки 1500 дарахти меваи тухмдор 1 гектару 20 сотих ва 1000 дарахти меваи донакдор 80 сотихро ташкил медиҳад.

Дар сутуни 2-юм майдони боғу токзорҳо бо гектар нишон додашуда, сутуни мазкур ба 2 сутуни дигар дар моҳи ҳисоботӣ ва аз аввали сол ҷудо мешавад. Сутунҳои 4, 5 ва 6 ба ҷамъоварии ҳосилро дар бар гирифта, дар сутунҳои 4 ва 5 ҷамъоварии ҳосил дар моҳи ҳисоботӣ ва аз аввали сол нишон дода шуда, дар сутуни 6 ҳосили гирифташуда ба ҳисоби миёна аз 1 дарахти мевадиҳанда бо кг ҳисоб карда мешавад. Барои ҳисоб намудани сутуни мазкур нишондиҳандаи сутуни 5-ум ҷамъоварии ҳосил аз аввали сол ба нишондиҳандаи сутуни якум шумораи дарахтони мевадиҳанда тақсим шуда, ҳосили он ба адади 100 зарб

карда мешавад ва ба ин восита муайян карда мешавад, ки ба як дарахти мевадиҳанда чанд килограм мева рос меояд.

Бо ҳамин тарз токи дарахтони ангур ва дарахтони тут ҳисоб карда мешаванд.

Дар сатри №60 «Ғалладонаи тирамоҳӣ барои дон ва хӯроки сабз кошта шуд, ҳамагӣ» ва сатри №61 аз он ҷумла барои дон нишон дода мешавад;

Дар сатри №62 заминҳое, ки дар тирамоҳ шудгор карда шуд ва сатри №63 аз ҷумла барои кишти пахта шудгор карда шудааст нишон дода мешавад;

Дар сатри №64 заминҳое, ки барои кишти тирамоҳӣ соли ҷорӣ шудгор карда шудааст нишон дода мешавад.

Дар қисмати «Ғайр аз он аз кишти такрорӣ ҳосил ҷамъоварӣ карда шуд» - замини кишт ва ҳосили ғалладона ва лӯбиёӣ (беҷуворимакка), ҷуворимакка барои дон, картошка, сабзавот ва полизӣ нишон дода мешавад.

Бо дар назардошти ҳар моҳ бо ҷамъи афзоянда ҷамъбаст намудани ҳисоботи мазкур дар ҳисобот сутунҳои иловагӣ оид ба нишондиҳандаҳои дар моҳи ҳисоботӣ илова гардиданд, ки дар сурати тағйирот ёфтани нишондиҳандаҳои ҳисобот тағйиротҳои дар давоми як моҳ ба даст овардашуда дар сутуни дар давоми моҳ нишон дода мешавад ва нишондиҳандаҳои бо ҷамъи афзоянда бо тариқи худкорӣ ҷамъкунанда аз аввали сол ҷамъбаст мегардад. Дар сурати бетағйир мондани ҳисобот дар сутуни дар моҳи ҳисоботӣ рақами сифр (0) гузошта мешавад.

Дар сутуни нишондиҳандаии майдони кишт аз руи воҳиди ченак бо гектар дар давоми моҳи ҳисоботӣ ва дар сутуни 2-юм миқдори нишондиҳандаи майдони кишт аз руи воҳиди ченак бо гектар аз аввали сол нишон дода мешавад.

Дар сутунҳои миқдори умумии ҷамъоварии маҳсулоти истеҳсолшуда маҳсулоти дар моҳи ҳисоботи дар моҳи ҳисоботӣ ва аз аввали сол нишондода мешавад.

Дар сутунҳои махсулоти фурухташуда аз руи даврият дар давоми моҳи ҳисоботӣ ва аз аввали сол нишон дода мешавад

Дар сутунҳои, аз миқдори умумии маҳсулоти истеҳсолшуда аз руи даврият дар моҳи ҳисоботӣ ва аз аввали сол маҳсулоти дар захира қарор дошта нишон дода мешавад.

Ҳисоботи омории мазкур бо имзои роҳбар ва сармуҳосиб тасдиқ карда шуда, дар мӯҳлати муайяншуда бо истифода аз утоқи шахсии ҳисоботсупоранда бо усули электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Шахсони имзокунанда барои эътимоднокии нишондиҳандаҳои дар ҳисобот овардашуда ва сари вақт дар муҳлатҳои муайяншуда пешниҳод намудани он ҷавобгар мебошанд.